**Тасдиқ карда шуд:**

Бо Қарори Анчумани Иттифоқи адвокатҳои аз “19 ”сентябри с.2015

**Ба қайд гирифта шуд”**

Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон № ___аз с.2016

# Н И З О М Н О М А И
## мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар _______________

**Д У Ш А Н Б Е – 2016**

## 1. ҚОИДАҲОИ УМУМӢ

1. Низомномаи мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ______________________ ( минбаъд мақоми минтақавӣ ) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

2. Мақоми минтақавӣ воҳиди сохторӣ буда, тавозуни мустақил дорад, дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳо суратҳисоб ва дигар ҳисобҳо мекушояд, инчунин дорои муҳр, тамға ва бланк бо номи худ, мебошад.

3. Мақоми минтақавӣ ҳуқуқ надоранд фаъолияти адвокатиро аз номи худ амалӣ намоянд,инчунин ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

4. Номи мақоми минтақавӣ.

Ба забони тоҷикӣ-Мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ________________________________

.

5. Суроғаи ҳуқуқии мақоми минтақавӣ- _________

## 2. ВАЗИФАҲОИ МАҚОМИ МИНТАҚАВӢ

6. Вазифаҳои мақоми минтақавӣ инҳоянд :

- таъмини расонидани ёрии баландихтисоси ҳуқуқӣ, дастрасии он барои аҳолӣ дар ҳудуди дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон;
  - ташкили расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд;
  - намояндагӣ ва ҳимояи манфиати адвокатҳо дар мақомотидавлатӣ,мақомотихудидоракуниишаҳрак ва деҳот, шахсонӣ ҳуқуқӣ ва воқеӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон;
  - назорати тайёрии касбии адвокатҳо ва аз ҷониби онҳо риоя гардидани Кодекси одоби касбии адвокатҳо;
  - ба ҳисоб гирифтани шаклҳои фаъолияти адвокатӣ дар ҳудуди минтақа;
  - ҳар сол ба Раёсати Иттифоқи адвокатҳои пешниҳод намудани ҳисобот оид ба фаъолияти мақоми минтақавӣ;
  - мусоидат намудан ба бозомузӣ ва такмили ихтисоси адвокатҳо, коромузҳо ва ёрдамчиёни адвокатҳо дар минтақаи дахлдор;

- ташкили таъминоти иттилоотии адвокатҳо, инчунин мубодилаи таҷрибаи касбии адвокатҳо байни худ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилотҳои адвокатӣ дар минтақаи дахлдор;
- мусоидат намудан ба қабули қарорҳо оид ба таъсис додани бюроҳои адвокатӣ дар маҳаллҳо бо пешниҳоди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё бо ташаббуси Иттифоқи адвокатҳо;

- амалӣ намудани дигар ваколатҳо, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст.

## 3. ВАКОЛАТҲОИ МАҚОМИ МИНТАҚАВӢ

7. Мақоми минтақавӣ ваколатҳои зеринро амалӣ менамояд :
   - аризаҳо дар бораи додани мақоми адвокатро қабул мекунад;
   - саҳеҳӣ ва дурустии ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳоеро ки аз ҷониби довталаб пешниҳод карда шудаанд, санҷиш мекунад;
   - дар бораи рад кардани қабули ҳуҷҷатҳо қарор қабул мекунад;
   - ҷиҳати иштироки довталаб дар имтиҳони тахассусӣ дар Комиссияи тахассусӣ дархост ирсол менамояд ;
   - доир ба ирсол намудани дархост ҷиҳати иштироки довталаб дар имтиҳони тахассусӣ дар комиссияи тахассусӣ ё оид ба рад намудани қабули ҳуҷҷатҳо ба довталаб ҷавоби хаттӣ медиҳад;
   - ба Иттифоқи адвокатҳо дар хусуси қатъ намудани мақоми адвокат хулоса ирсол менамояд;
   - ҷиҳати даъват кардани Анҷумани ғайринавбатии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббус менамояд;
   - фаъолиятро доир ба расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар худуди минтақа ташкил менамояд;
   - фаъолиятро ҷиҳати иштироки адвокатҳои минтақа ба сифати ҳимоятгарон дар мурофиаи судии ҷиноятӣ дар асоси қарори мақомоти таҳқиқ, тафтишоти пешакӣ, прокурор, судя ё таъиноти суд ташкил мекунад.

## 4.МАҶЛИСИ УМУМИИ МАҚОМИ МИНТАҚАВӢ

8. Маҷлиси умумии мақоми минтақавӣ, мақоми Олии он буда, дар фаъолияти худ ва ҳалли масъалаҳои дохилӣ, вобаста ба маҳал худмухтор мебошад, агар он ба мақсадҳои асосии Иттифоқи адвокатҳо мухолифат надошта бошад.

9. Маҷлиси умумӣ на камтар аз як маротиба дар як сол даъват карда мешавад.

10. Маҷлиси умумӣ дар ҳолате салоҳиятнок ҳисобида мешавад, ки агар дар

кори он на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои мақоми минтақавии Иттифоқи адвокатҳо иштирок намоянд.

11. Маҷлиси умумӣ дорои ваколатҳои зерин аст:

- интихоб кардани аъзои Шӯрои мақоми минтақавӣ ба муҳлати 4 сол ва қабули қарор оид ба пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколатҳои аъзои Шӯро ;
- интихоб кардани раиси Шӯрои мақоми минтақавӣ ба мӯҳлати 4 сол бо минбаъд тасдиқ намудани он аз ҷониби Раёсати Иттифоқи адвокатҳо;
- тасдиқ намудани Низомномаи Комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ;
- интихоб намудани аъзои Комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ ва раиси он;
- интихоб намудани вакилон ба Анҷумани адвокатҳо ;
- тасдиқ намудани Дастури маҷлиси умумии адвокатҳо ;
- қабул намудани дигар қарорҳо мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “ дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ” ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## - .ШӮРОИ МАҚОМИ МИНТАҚАВӢ

12. Шурои мақоми минтақавӣ мақоми дастаҷамъонаи иҷроияи мақоми минтақавӣ мебошад.

13. Шӯро аз ҷониби маҷлиси умумии адвокатҳо дар ҳайати на зиёда аз 7 нафар аъзои мақоми минтақавӣ ба мӯҳлати 4 сол интихоб карда мешавад.

14. Шӯрои мақоми минтақавӣ ;

- аз ҳайати худ муовини раиси Шӯрои мақоми минтақавиро интихоб менамояд;
- дастрасии ёрии ҳуқуқӣ, аз чумла ёрии ҳуқуқии ба шаҳрвандон ба тариқи ройгон расонидашавандаро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд ;
- тартиби расонидани ёрии ҳуқуқиро аз ҷониби адвокатҳо, ки дар асоси қарори ( таъиноти ) мақомоти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ, прокурор ё суд, ё дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ба сифати ҳимоятгар дар парвандаҳои ҷиноятӣ иштирок менамоянд, муайян мекунад. Ин тартибро ба маълумоти мақомоти мазкур ва адвокатҳо мерасонад, инчунин аз тарафи адвокатҳо иҷро шудани ин

  тартибро назорат мебарад ;
- дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо мақоми минтақавиро муаррифи менамояд;

- на камтар аз як маротиба дар як сол маҷлиси умумии мақоми минтақавиро даъват намуда, рӯзномаи онро омода месозад;
- ҷиҳати иштироки довталаб дар имтиҳони тахассусӣ дар Комиссияи тахассусӣ дархост ирсол менамояд;
- доир ба ирсол намудани дархост ҷиҳати иштироки довталаб дар имтиҳони тахассусӣ дар Комиссияи тахассусӣ ё оид ба рад намудани қабули ҳуҷҷатҳо ба довталаб ҷавоби хатти медиҳад ;
- ба Иттифоқи адвокатҳо оид ба боздоштани мақоми адвокат пешниҳод ирсол менамояд;
- ба Иттифоки адвокатҳо дар хусусӣ қатъ намудани мақоми адвокат хулоса ирсол менамояд;
- баҳисобгирии шаклҳои ташкилии фаъолияти адвокатиро дар ҳудуди минтақаи дахлдор амалӣ менамояд ;
- маҳалли ҷойгиршавии мақоми минтақавиро муайян менамояд.

15. Дар сурати аз ҷониби Шӯрои мақоми минтақавӣ иҷро нагардидан ё ба таври номатлуб иҷро гардидани муқаррароти Қонун ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо, мумкин аст, ваколатҳои Шӯро пеш аз мӯҳлат дар маҷлиси адвокатҳо қатъ карда шавад. Маҷлиси ғайринавбатии

мақоми минтақавӣ аз ҷониби Шӯрои он бо талаби аз се як ҳиссаи аъзои мақоми минтақавӣ ё Раёсати Иттифоқи адвокатҳо даъват карда мешавад.

16. Маҷлисҳои Шӯро аз ҷониби раиси он аз руи зарурат, вале на камтар аз як маротиба дар ду моҳ даъват карда мешаванд.Аз рӯи зарурат маҷлиси Шӯро аз ҷониби аксарияти аъзои Шӯрои мақоми минтақави даъват карда мешавад.Маҷлис дар мавриди иштироки на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Шӯро салоҳиятнок ҳисобида мешавад.

17. Қарорҳои Шӯро бо тарафдории аксарияти аъзои Шӯро, ки дар маҷлиси он иштирок доранд, қабул карда шуда, барои ҳамаи аъзои мақоми минтақави ҳатмӣ мебошанд.

## 6. РАИСИ ШӮРОИ МАҚОМИ МИНТАҚАВӢ

18. Раиси Шӯро дар як вақт раиси мақоми минтақавӣ мебошад.
19. Раиси Шӯро дорои ваколатҳои зерин аст:

- дар муносибат бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳалли, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо, инчунин шахсони воқеӣ мақоми минтақавиро муаррифӣ менамояд;
- аз номи мақоми минтақави амал менамояд;
- ваколатномаҳо медиҳад;

- аз номи мақоми минтақави созишномаҳо мебандад;
- кормандони дастгоҳи мақоми минтақавиро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд;
- маҷлиси Шӯроро даъват мекунад;
- иҷрои қарорҳои Раёсати Иттифоқи адвокатҳо, Шӯрои мақоми минтақавӣ ва қарорҳои маҷлиси умумии адвокатҳоро таъмин менамояд;
- аризаҳоро дар бораи додани мақоми адвокат қабул мекунад;
- саҳеҳӣ ва дурурстии ҳуҷҷатҳо ва маълумотеро, ки аз ҷониби довталаб пешниҳод карда шудаанд, санҷиш мекунад.

## - .МОЛУ МУЛКИ МАҚОМИ МИНТАҚАВӢ

20. Молу мулки мақоми минтақавӣ аз ҳисоби маблағҳои умумии Иттифоқи адвокатҳо тибқи сметаи тасдиқшудаи хароҷот ва таъиноти он ташаккул меёбанд.

21. Андозаи музди меҳнати роҳбарон ва Дастгоҳи мақоми минтақави дар доираи сметаи ҳароҷоте, ки барои таъмини фаъолияти Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ шудааст, Анчумани адвокатҳо муайян мекунад.

22. Аъзоҳақии узви Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири ҳар моҳ тавассути мақоми минтақавӣ ба суратҳисоби Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешавад.

## 8.КОМИССИЯИ ИНТИЗОМИИ МАҚОМИ МИНТАҚАВӢ

23. Комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ аз ҳисоби

аъзои мақоми минтақавӣ барои амалӣ намудани назорат аз рӯи фаъолияти касбии адвокатҳо ташкил карда мешавад.

24. Тартиби ташкилёбӣ, шумораи аъзо, мӯҳлати ваколатҳо ва дигар масъалаҳои Комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ, ки аз ҷониби маҷлиси умумии адвокатҳо тасдиқ карда мешавад, муайян менамояд.

25. Дар бораи натиҷаҳои кори худ комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ дар назди маҷлиси умумии адвокатҳо ҳисоботдиҳанда мебошад.

26. Нисбати қарорҳои Комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ ба Комиссияи интизомии Иттифоқи адвокатҳо шикоят кардан мумкин аст.

27. Аъзои комиссияи интизомии мақоми минтақавӣ метавонанд фаъолияти

худро дар Комиссияи интизомӣ якҷоя бо фаъолияти адвокатӣ пеш баранд.

## 9. ТАРТИБИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА

28. Тағйирот ва иловаҳо ба Низомномаи мақоми минтақавӣ аз ҷониби Анҷумани Иттифоқи адвокатҳо тасдиқ карда шуда, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба қайд гирифта мешавад.